**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мактабу маориф соҳаҳое мебошанд, ки барои рушду нумӯъи кишвар, ояндаи халқу миллат заминаҳои боэътимод мегузоранд. Онҳо соҳаҳое ба ҳисоб меравaнд, ки иқтисодиёти рушдёфта, иҷтимоиёти пешрафта ва маънавияти баланди ҷомеа маҳз ба татбиқи амалии онҳо иртиботи қавӣ доранд. Зеро таълиму тарбияи насли солиму бунёдкор маҳз ба зиммаи ин соҳаҳо вогузор аст. Ҳар як фарди бофарҳанг бояд дарк намояд, ки ба кадом васила ташаккул ёфтааст, фарзандони фарзонаи миллат чӣ сон дар рушди ҷомеаи навини мо саҳмгузорӣ мекунанд. Бешубҳа, ин мактабу маориф аст. Ин аст, ки рушди ин соҳа дар сиёсати хирадмандонаи давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз мавқеъҳои аввалинро сазовор гаштааст.

Дар ҳамин асос мавзӯи рисолаи диссертатсионии Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом, ки ба таърихи рушди маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI бахшида шудааст, хеле муҳим аст. Дар замони муосир омӯзиши рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият, ошноӣ пайдо кардан ба мушкилоти мубрами соҳа, ҷамъбаст ва хулоса кардани таҷрибаи таърихии андӯхташудаи рушди маориф, ошкорнамоии тамоюлҳои асосии такмили мактабу маориф аҳамияти рӯзафзуни илмӣ дорад. Муҳимияти мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки ин нахустин тадқиқоти муфассал дар мавзуи интихобгардида мебошад.

Барои навиштани диссертатсия Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом ба асарҳои илмии таърихнигорон дар сатҳи ҷумҳурӣ, ки хусусияти умумитаърихӣ ва ҷамъбастӣ доранд, такя намудааст. диссертант масъалаҳои аз ҳама муҳими марбут ба рушди мактабу маорифи

минтақаи Кӯлобро равшан сохта, факту рақамҳои таърихиеро, ки аз маъхазҳои мухталиф дар робита ба мавзӯи кори илмии худ ба даст овардааст, таҳлилу баррасӣ кардааст.

Навгонии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки аввалин маротиба дар сатҳи илмӣ хусусиятҳои умумӣ ва хоси рушди низоми мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб мушаххас гардида, тадқиқоти мазкур халои ҷойдоштаро дар тадқиқи илмии таърихи рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ва замони истиқлолият пурра мегардонад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар 10 банд ифода карда шудаанд. Онҳо фарогири масоили тағйироти куллӣ дар низоми мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб, сатҳи пасти муҷаҳҳаз будан бо кабинетҳои информатика, доштани техникаи ҳозиразамони МЭҲ, синфхонаҳои махсус ҷиҳозонидашудаи физика, биология, мусиқӣ, химия, ба вуҷуд омадани низоми тиҷоратикунонии таҳсилот, стандартҳои нави давлатии соҳа, таҳкими пойгоҳи моддию таълимии низоми мактабу маориф дар гурӯҳи шаҳру навоҳии минтақаи мавриди тадқиқ, низоми идоракунии таҳсилот бо усулҳои демократӣ мебошанд.

Аҳамияти назарӣ ва амалии тадқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои онро дар ҷараёни таълифи китобҳои илмӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик, таърихи маорифи Тоҷикистон соҳибистиқлол истифода бурдан мукин аст.

Рисола дар асоси таҳлил ва хулосабардорӣ аз маводи навтарини маъхаз ва адабиёти дастраси илмӣ навишта шуда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати манобеъ ва адабиёти истифодашуда, 1 расм ва 6 замима иборат аст.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия мубрамии мавзӯи тадқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсаду вазифаҳо, объекти таҳқиқот, ҳудуд ва хронологияи диссертатсия, пойгоҳи сарчашмашиносии тадқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва қисмати асосии кори илмиро дарбар мегирад. Дар қисмати асосии рисола мазмуни фишурдаи бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудааст.

Автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Доир ба мавзӯъ 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ имкон медиҳад, хулоса карда шавад, ки таҳқиқоти ба ҳимоя тавсияшуда ҳамчун тадқиқоти мустақил ва мукаммал daниста шавад, ки дар доираи он масъалаҳои мубрами илмие ҳаллу фасл гардида, барои таърихи халқи тоҷик аҳамияти калон дорад.

Хулоса, диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)” тибқи банди 53-и низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессор,**
**мудири кафедраи таърихи умумии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров”** **Аюбов А.Р.**

25 январи соли 2023
**Имзои Аюбов А.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ “ДДХ ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров”** **Наврузов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1, МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
тел.: (992-3422)6-52-73
http: // www.hgu.tj, E-mail: rector@hgu.tj